**«Тасдиқ менамоям»**
ректори ДДБ ба номи Носири Хусрав,
доктори илмҳои биологӣ,
профессор ____________ Давлатзода С.Х.

# ХУЛОСА

## Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Рисолаи дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» дар кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» анҷом ёфтааст.

Азимова Шабнам Раҳматуллоевна соли 2014 факултети химия ва биологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусравро аз рӯи ихтисоси омӯзгори фанни химия-биология хатм намудааст.

Дар марҳилаи омодасозии рисолаи илмии доктори фалсафа PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна ба ҳайси муаллимаи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии факултети химия ва биологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» фаъолият дошт.

Гувоҳнома оид ба хатми зинаи доктори фалсафа PhD аз 15.05.2020, таҳти №103в 554. аз тарафи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Холназаров Санг, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мебошад.

Аз рӯи натиҷаи муҳокимаи пешакии ба рисолаи илмии доктори фалсафа PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» чунин хулоса бароварда шуд:

Ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур муайян кардани шароитҳои педагогӣ ва баланд бардоштани самарабахшии таълими химия дар раванди истифодаи методикае, ки ба ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандии хонандагон дар ҷараёни таълими химия мусоидат мекунад, мебошад.

Мавзӯи рисолаи илмии доктори фалсафа PhD Азимова Ш. Р.,- фарогири як қисми барномаи илмӣ - таҳқиқотиест, ки аз тарафи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ таҳия гардида, дар Шӯрои ҳамоҳангсозии таҳқиқоти илмии илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Мундариҷаи рисолаи илмии доктори фалсафа PhD ба талаботи зерини таҳқиқоти соҳавии шиносномаи ихтисоси 6D011200 - химия (назария ва методикаи таълими химия) мувофиқат менамояд:

1. Педагогикаи амалӣ (маҷмӯи таҷрибаҳои пешқадами педагогӣ; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти таҷрибавӣ - озмоишии муассисаҳои таълимӣ; тағйироти системаноки фаъолияти касбӣ - педагогии омӯзгор, ҳамзамон моҳият, сохт, мақсад ва вазифаҳо; фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таҳсилот; ҳамкории иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ).

2. Таҳқиқоти байнифаннии ҷанбаҳои педагогии маълумот (таҳқиқи самтҳои мухталифи рушди таҳсилот дар асоси ҳамгироии фанҳо; таҳқиқи фаъолияти педагогӣ дар соҳаи антропологияи иҷтимоӣ- фалсафӣ; фаъолгардонии ҷузъҳои педагогии равандҳои иҷтимоӣ).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ мустақилона дар асоси таҳлили ҳаматарафаи сарчашмаҳои таърихӣ, фалсафӣ, педагогӣ -психологӣ ва методӣ таҳия гардида, дар асоси омӯзиш, таҳлил ва хулосабардорӣ аз таҷрибаи пешқадами омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

ва олӣ корбаст гардидааст.

Дар таҳқиқоти мазкур муайян карда шуд, ки ташаккули ҳавасмандӣ қисми ҷудонашавандаи рушди шахсияти инсон мебошад. Омӯзиши ҳавасмандӣ яке аз масъалаҳои асосии психологияи ватанӣ ва хориҷӣ буда, аҳамияти он барои рушди донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо, қобилиятҳои насли наврас манфиатбахш мебошад. Барои он ки фаъолият ба ҷузъи рушд ва худрушддиҳӣ табдил ёбад, муҳим он аст, ки на танҳо хусусияти мазмунии он амиқ фаҳмида шавад, балки ҷанбаи ҳавасмандии шахсият ба таври доимӣ такмил дода шавад. Ба таври озмоиш исбот карда шуд, ки методикаи таҳияшуда барои рушди ҳавасмандӣ ба фанни химия, омӯзиши он, ташаккули фаъолияти фикрии хонанда ва сифати азхуд кардани донишҳои химиявӣ аз тарафи онҳо нақши калон мебозад. Аз ин ҷо ин методикаро ҳангоми таълими химия дар ҳама синфҳо истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Дар рисолаи мазкур қоидаҳои асосӣ, хулоса ва таклифу пешниҳодҳо бо тартиб дода шудаанд. Мақсади таҳқиқот, метод, шакл ва воситаҳои амалишавии онҳо аз вазифаҳое сарчашма мегирад, ки ҷамъияти муосир дар назди кормандони соҳаи маориф гузоштааст.

Маҷмӯи таҳқиқот, ки ҳисоби сифативу миқдории системанокро талаб менамояд, ба муаллифи рисола имконият додаанд, ки фарзияи таҳқиқот тасдиқ гардида, пешниҳодҳои илмии дар рисола нишондодашуда бо далелҳо ва таҳлили чуқуру амиқ, асоснок карда шаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки дар он бори аввал:**

- ваҷҳҳои самарабахши омӯзиши химия муайян ва шароитҳои ташаккули онҳо дар раванди таълими химия асоснок карда шудааст;
- имкониятҳои таълими химия дар татбиқи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ тибқи нишонаҳои фаъолияти эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёни умумӣ, зарурати онҳо аз ҷиҳати назариявӣ бо далелҳо нишон дода шудааст;

- имкониятҳои мазмуни маводи химиявӣ дар заминаи мазмуни эҳсосотии дарс муайян карда шудааст;

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот** ба таври зайл муайян карда шудааст:

- натичаи омӯзиш дар шакли мақолаҳо тасниф гардида, инчунин дар ҷараёни таълими химия дар Литсейи "Ориёно"-и шаҳри Бохтар, гимназияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и ш. Бохтар бо муваффақият татбиқ гардидааст.
- тавсияҳои мушаххас ва натиҷаҳои таҳқиқ дар семинарҳои илмии кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ва конференсияҳои ҷумҳуриявӣ арзёбӣ гардидааст.

## Муқаррароти асосие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешавад:

1. Инъикоси масъалаи ҳавасмандӣ ва ваҷҳҳои омӯзиш дар психология ва методикаи таълими химия ва нақши онҳо дар ташаккули шахсияти хонанда;
2. Омӯзиши маводи барои зиндагии ҳаррӯза зарур ва нақши онҳо дар фаъолсозии фаъолияти фикрии хонандагон, ташаккули ваҷҳҳои мусбати ботинӣ, ҳавасмандӣ ба фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
3. Шароитҳои ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш, омили муҳимми шавқмандии хонандагон ба дарсҳои химия;

Таҳлили натиҷаи методикаи ташаккули ваҷҳҳои омӯзиш дар мисоли курси «Муҳити зист - аз нигоҳи химик», практикуми рушддиҳанда ва санҷиши озмоишии онҳо.

Матлабҳои асосии назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳои чопкардаи муаллиф инъикос ёфта, дар ҷаласаҳои кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии Муассисаи

давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» мавриди муҳокима қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузориш ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ- амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», тренингҳои омӯзгорон дар филиали вилоятии Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Бохтар муаррифӣ карда шудаанд. Дар конференсияи илмии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон бо фишурдаҳо баромад намуда, муҳокима шудаанд.

Муқаррароти асосии таҳқиқот дар 12 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 9 мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризии бонуфузи тавсияшудаи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос гардидаанд.

**Қарор карда шуд:**

Рисолаи илмии доктори фалсафа PhD Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» кори илмӣ - тахассусии ба итмомрасида буда, ба талаботи Низомнома дар бораи тартиби пешниҳоди унвонҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Рисолаи илмии доктори фалсафа PhD -и Азимова Шабнам Раҳматуллоевна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули ваҷҳҳо ва ҳавасмандӣ ба омӯзиши химия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯи ихтисоси 6D011200 - химия (назария ва методикаи таълими химия) тавсия карда мешавад.

Хулоса аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, Расулзода С.П. тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносӣ қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ

«тарафдор» - 9 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Қарор дар суратҷаласаи №6 аз 6-уми январи соли 2021 сабт гардидааст.

Раиси ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии МДТ ДДБ ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент: Шамсуллоева С.
6 январи соли 2021

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67, Тел. (83222) 2-54-81, (83222) 2-22-53. www.ktsu.edu.ru, почтаи электронӣ: ktsu78.@ mail. ru

Имзои Шамсуллоева Сабоҳатро
тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав»: Шукурзод Ҷ.А.
6 январи соли 2021